## ТАҚРИЗИ МУҚҚАРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Бохтар, 2025. – 194 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар заминаи феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст иҷро гардида, мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои 2, 3, 4, 7, 8, 28 ва 29 –и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи диссертатсия мубрамии мавзуи дарназарро ба амалигардонии таъкидҳои пайвастаи маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таълим ва таҳқиқоти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, омода кардани мутахассисони ботаҷриба, соҳибихтисос ва боистеъдоди ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ, инчунин, эълон гардидани Солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» арзёбӣ менамояд.

Муаллиф дар диссертатсияи мазкур маҳз ба ин самти муҳими таълим таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, роҳҳои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнро дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳиммеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ва санҷидани фарзияи пешниҳодшуда вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян шуданд: муайян намудани шароити педагогӣ, ки барои татбиқи самараноки таълими ҳамгирои фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ мусоидаткунанда; муайян намудани шароити педагогӣ, ки барои татбиқи самараноки таълими ҳамгирои фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши

ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ мусоидаткунанда; муайян намудани шароити педагогӣ, ки барои татбиқи самараноки таълими ҳамгирои фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ мусоидаткунанда; таҳия ва асосноксозии заминаҳои назариявии моҳият, мазмун ва сохтори таълими ҳамгирошуда аз фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо дарназардошти равишҳои муосири методологӣ; муайян намудани шароити педагогӣ, ки барои татбиқи самараноки таълими ҳамгирои фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ мусоидаткунанда; гузаронидани таҷрибаи педагогӣ, ки ба такмили усулҳои таҳиягардидаи таълими ҳамгиро равона шудааст ва таҳияи тавсияҳои амалӣ; муайян намудани самтҳои асосии ҳамгирои фанни математика бо дигар фанҳои таълимӣ, аз қабили забони модарӣ,табиатшиносӣ, санъати тасвирӣ, технология ва тарбияи ҷисмонӣ; таҳлили талаботи пешниҳодшаванда ба мазмун ва сохтори масъалаҳои матнӣ дар доираи муносибати ҳамгиро.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аз коркарди роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ тавассути таълими ҳамгироии фанҳо зимни омодасозии тамоюли салоҳиятнокӣ ба таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ иборат мебошад.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳиммеро вобаста ба мавзуи кори илмии худ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ниҳоят мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра мекарданд ба монанди методҳои назариявӣ, эмпирӣ (таҷрибавӣ) ва оморӣ коркарди оқилонаи онҳо рӯйи кор омадаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дорои навгонӣ ва натиҷаҳои баланди илмӣ мебошад ва онро метавон дар дигар ҷанбаҳо арзёбӣ намуд.

Кори таҳқиқотии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дорои арзиши баланд мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ як қатор масъалаҳои муҳими марбут ба шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнии хонандагонро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои ҷолиб ва муҳим омадааст.

Муаллифи диссертатсия навгониҳои асосии таҳқиқоташро зимни нуктаҳои зерин инъикос кардааст: шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матниро дар асоси тамоилҳои низомӣ, фаъолнокӣ, техникӣ, масъалагузорӣ коркард ва пешниҳод шудааст; дар раванди таҳқиқот таҳияи самаранокии модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ санҷида ва нитиҷагирӣ карда шудааст; ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро самтҳои асосии робитаи байнифании математикаро бо фанҳои синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ ва ошкор кардааст; беҳдошти шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар натиҷаи озмоишҳои педагогӣ исбот карда шудааст; вобаста ба амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳо муқарар ва пешниҳод карда шудаанд; вобаста ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот барои амалияи таълим дар синфҳои ибтидоӣ тавсияҳои муфид ва самарабахш пешниҳод карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст дар асоси муносибатҳои илмӣ мазмун, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоиро муайян намояд.

Муҳаққиқ вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта,** ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ, интихоби усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд, намояндагони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони ба озмоишҳо ҷалбгардида, тасдиқи фарзияи таҳқиқот бо натиҷаҳо, ки то озмоиши педагогӣ ва баъди он мусоидат намудаанд, таъмин карда шудааст.

Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳиммеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далелҳои қавӣ ва усулҳои тадқиқотии муосир асоснок намояд.

Асосноккунии илмӣ ва эътимоднокии хулосаю пешниҳодоте, ки дар диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» оварда шудаанд, бо он асоснок карда мешавад, ки ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни

ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар ҷараёни таълими математика метавонад самарабахш бошад, агар шароитҳои педагогии мусоид фароҳам оварда шаванд. Ин шароитҳо ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон, истифодаи методҳои фаъоли таълим, таъмини робитаи математика бо воқеияти зиндагӣ, ҳамоҳангсозии таълим бо тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила ва ҷомеаро дар бар мегиранд. Гузоришҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Истинод ба асарҳои олимони маъруфи тоҷик, ба монанди М. Нугмонов, К. Иззатулоев, К.Қ. Ҷумаев, Т.Б. Раҷабов, Қ.Т. Бурҳонов, М. Маҳкамов ва таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар давраҳои гуногун гувоҳи таҳлили ҳамаҷонибаи масъала мебошад.

Муаллиф таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳқиқоти мавҷуда дар соҳаи педагогикаро анҷом додааст. Ин таҳлил имкон додааст, ки ҷиҳатҳои омӯхташуда ва кам омӯхташудаи мавзуи дарназар муайян гардида, роҳҳои нави ҳалли мушкилот пешниҳод шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба якчанд ҷанбаҳо вобаста аст, ки дар маҷмуъ, ба сифати методология ва равишҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи шахсии муаллиф таъсири амиқ мерасонанд.

Аз ҷониби муаллиф татбиқ ва амалисозии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ (МММ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва ва пешниҳод карда шуданд. Дар қисми озмоишии таҳқиқот шаклу усулҳои самараноки шароитҳои педагогӣ ва роҳи амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ муайян гардиданд.

Саҳеҳии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада шубҳанопазир буда, тавассути омилҳои зерин таъмин гардидааст:

1. Асосноккунии назариявӣ ва методологӣ: Муаллиф дар таҳқиқоти худ ба пойгоҳи мустаҳками назариявӣ такя кардааст. Таҳлили амиқи адабиёти илмӣ доир ба педагогика ва иҷтимоиёт нишон медиҳад, ки муаллиф аз падидаҳои мавзуъ ва роҳҳои ҳалли онҳо огоҳии комил дорад. Инчунин, таҳлили диссертатсияҳои ҳимояшуда дар самти мазкур дараҷаи баландтари илмии рисоларо таъмин менамояд.

2. Таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ: Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон танҳо ба ҷанбаҳои математикӣ маҳдуд нашуда, инчунин, ҷанбаҳои таърихӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоии онро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба ин васила, масъалаи шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар доираи васеътар, бо назардошти таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҷомеаи миллӣ, омӯхта шудааст.

3. Истифодаи маводҳои махсуси илмӣ-методӣ: Ба назар гирифтани маводҳои махсуси илмӣ-методӣ доир ба тартиби таҳияи таҳқиқотҳои илмӣ дар рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ба риояи меъёрҳои илмӣ ва баланд будани сифати тадкиқот гувоҳӣ медиҳад.

4. Робита бо барномаҳои давлатӣ: Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм қобили истифода мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дар ҳаҷми 194 саҳифаи чопи компютерӣ омода карда шудааст. Диссертатсия аз сохтори иборат аз муқаддима, 2 боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 198 номгӯй, 9 расм, 10 диаграмма, 9 ҷадвал ва замима иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок кардааст, инчунин, дараҷаи омӯзиши онро арзёбӣ намуда, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии онро ба пуррагӣ муайян кардааст.

Боби аввал «Асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ» номгузорӣ карда шуда аз ду зербоб ва хулосаҳо иборат аст, ки моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти асосҳои назариявии маҷмуӣ, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ тибқи тамоилҳои методологӣ, муайнкунии самтҳои асосии робитаи байнифании математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгироро фаро гирифтааст

Зербоби якуми боби якум «Асосҳои назариявии маҷмуӣ, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ тибқи тамоилҳои методологӣ» бахшида шуда, вобаста ба доираи масъалаҳои таҳлили илмии асосҳои назариявию методологии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Дар он муҳаққиқ моҳият ва хусусиятҳои таълими ҳамгироиро ҳамчун равиши муосири таълимии байнифаннӣ ва воситаи баланд бардоштани сифат ва мазмуни таҳсилот баррасӣ кардааст.

Зербоби мазкур ба таҳлили сохтори таълими ҳамгирошуда бахшида шудааст, ки унсурҳои асосии онро – ҳадаф, мазмун, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим – бо дарназардошти хусусиятҳои синнӣ ва маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар бар мегирад.

**Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ба «Муайянкунии самтҳои**

**асосии робитаи байнифаннии математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро»** бахшида шудааст.

Зербоби дуюм ба таҳлили амиқи робитаҳои мазмунӣ ва методологии байни фанни математика ва дигар фанҳои таълимии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бахшида шуда, яке аз бахшҳои муҳимми асосгузории таълими ҳамгиро ба шумор меравад. Дар ин зербоб самтҳои калидии ҳамгироии мазмунӣ ва равандии математика бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат таҳқиқ ва асоснок карда шудаанд.

Таълими математика дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ на танҳо ҳамчун фанни ҳисоб, балки ҳамчун воситаи рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ва системабандӣ амал мекунад. Барои он ки ин маҳоратҳо ба таври муассир ташаккул ёбанд, зарур аст, ки муҳтавои таълим аз қолабҳои ҷудогона берун рафта, дар як муҳити байнифаннӣ пешниҳод гардад.

Таҳлили самтҳои асосии робитаҳои байнифаннӣ нишон медиҳад, ки таълими ҳамгиро дар асоси муттаҳидсозии мазмун ва амалия, омӯзиши омехта ва истифодаи муҳити маърифатии табиӣ самараноктар ва фаҳмотар мегардад.

**Боби дуюм «Амалинамоии шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омезиши математикаи синфҳои ибтидоӣ»** номгузорӣ гардида аз се зербоб ва хулоса иборат аст.

Боби мазкур ба баррасии ҷанбаи муҳтавои таҳия ва интихоби системаи масъалаҳои математикии матнӣ нигаронии таълим мувофиқи ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ, роҳу воситаҳои истифодаи самараноки шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, озмоиши педагогӣ ва ташхису коркарди омории натиҷаҳои бадастомада, дар доираи таҷриба бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб технологияи педагогии ташаккули таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоиро дар дарсҳои математика мавриди тасвибу озмоиш қарор дода, усулҳои муосир ва самаранокро дар раванди таълим пешниҳод мекунад. Ин технологияи педагогӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синфҳои ибтидоӣ ва ниёзҳои махсуси хонандагон таҳия шудааст, ки имкон медиҳад, то хонандагон усулҳои муҳими ҳалли масъалаҳои математикии матнро дарк кунанд ва дар амалия татбиқ намоянд.

**Зербоби якуми боби дуюм ба таҳия ва интихоби системаи масъалаҳои математикии матнӣ нигаронии таълим мувофиқи ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.** Дар зербоби мазкур масъалаи таҳия ва интихоби системаҳои масъалаҳои математикии матнӣ бо назардошти талаботи таълими ҳамгироии фанҳо дар синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Сухан асосан дар бораи он меравад, ки чӣ гуна масъалаҳои

математикии матнӣ метавонанд ҳамчун воситаи асосии пайваст намудани фанҳои мухталиф дар сатҳи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода шаванд.

**Зербоби дуюми боби дуюм** «Роҳу воситаҳои истифодаи самараноки шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» номгузорӣ шудааст.

Дар ин зербоб сухан дар бораи робитаи байнифаннӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои татбиқи ҳамгироии донишҳо, малакаю маҳоратҳои илмӣ ва ҳаётӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ меравад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки робитаи байнифаннӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз муҳимтарин роҳҳои татбиқи ҳамгироии донишҳо, малакаю маҳоратҳои илмӣ ва ҳаётӣ мебошад. Ин робитаҳо омодагии амалӣ ва назариявии хонандагонро беҳтар намуда, барои дарки комили ҷабҳаҳои умумии фаъолияти азхудкунӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

**Зербоби сеюми боби дуюм** ба озмоиши педагогӣ ва ташхису коркарди омории натиҷаҳои бадастомад*а* бахшида шудааст. Дар ин бахш методи таҷрибаи педагогӣ аз мушоҳидаи мақсадноки зуҳуроти сифатҳои муайян иборат буда, тибқи нақшаи таҳқиқоти гузаронидашуда бо назардошти шароит дар он субъект ва амалҳо каме ё ба таври назаррас тағйир меёбанд.

Муаллифи диссертатсия дар озмоишҳои педагогӣ татбиқи модели самарабахши таълими ҳамгироии фанҳоро дар синфҳои ибтидоӣ барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон дар ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ мавриди санҷишу таҳқиқ қарор дода хулосабарорӣ кардааст.

Татбиқи амалии модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар озмоишҳои педагогиро муаллиф дар заминаи: МТМУ №7, шаҳри Душанбе; МТМУ №34, шаҳри Душанбе; МТМУ №19, шаҳри Ҳисор; МТМУ №70, шаҳри Ҳисор; МТМУ №14, ноҳияи Шаҳринав; МТМУ №38, ноҳияи Шаҳринав гузаронидаас ва дар ин озмоишҳо 540 нафар хонандаи синфҳои ибтидоӣ ва 25 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоиро ҷалб намудааст.

Натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ раванди таълим бо роҳи ҷорӣ намудани модели таҳияшуда ва шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ тағйир дода шуд; дар гурӯҳи назоратӣ бе тағйирот раванди таълимро пеш бурда шуд; ба вуҷуд овардани шавқу ҳавас барои омӯзиши донишҳои нав ва омӯзиши муфассали мундариҷаи таълимӣ; ташкил ва рушди фазои эҷодӣ дар раванди дарс; рушди қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти хонандагон дар иҷрои вазифаҳо ва супоришҳо; санҷиши фосилавӣ, ҷамъбастӣ ва таҳлили натиҷаҳои он бо истифода аз методҳои омори математикӣ гузаронида шуд; арзёбии дастоварди таълимии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ дар ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Хулосаи диссертатсия аз 8 банд иборат буда мухтавои асосии онҳо дар 24 интишороти илмии муҳаққиқ вабаста ба мавзуи диссертатсия оварда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

Аҳамияти илмӣ: Таҳқиқот заминаи назариявии навро барои шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам меорад. Самтҳои асосии робитаи байнифании математика бо фанҳои синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи амалинамоии таълими ҳамгиро ошкор намуда, имкон медиҳад, ки ин раванд ба таври сохторӣ ва мақсаднок роҳандозӣ карда шавад. Он ба таври муфассал муносибатҳои илмӣ мазмун, сохтор ва моҳияти таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ муайян карда, равишҳои муассири педагогӣ барои татбиқи онҳоро пешниҳод менамояд ва барои таҳқиқоти минбаъда роҳ мекушояд.

Аҳамияти амалӣ: Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсии математикаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таҳияи системаи масъалаҳои математикии матнӣ  метавонанд кӯмак расонанд. Ин масъаларо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳангоми баргузории дарсҳои фанни «Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ» мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Аз сохтор ва мазмуни таълими ҳамгироии фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ  докторантҳо ва унвонҷӯён метавонанд ба пуррагӣ баҳра гиранд. Омӯзгорон метавонанд онҳоро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ истифода баранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати маориф дар самти рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф истифода шаванд.

Маводи таҳқиқотро ҳамчун заминаи методии зарурӣ ва саривақтӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф метавон самаранок истифода бурд.

Аҳамияти иқтисодӣ: Тарбияи насли ватандӯст ва дорои арзишҳои шаҳрвандӣ ин сармоягузорӣ ба ояндаи иқтисодии кишвар аст. Чунин шахсон дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар саҳмгузор хоҳанд буд. Ташаккули

арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ба рушди захираҳои инсонӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, иқтисодиёти кишварро пеш мебарад.

Аҳамияти иҷтимоӣ: Диссертатсияи мазкур ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ карда, дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Ташвиқи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матн дар доираи барномаҳои таълимӣ метавонад ба эътирофи байналмилалии ин раванд ва дар ниҳоят, муаррифӣ гардидани хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ мусоидат намояд, ки ин ба баланд бардоштани обрӯи миллӣ низ кӯмак мекунад.

Мутахассисони ҷавобгӯ ба талабот бозори ҷаҳонӣ метавонанд ҷомеаро ободи ва пешрафта гардонанд. Ташаккули шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ба муттаҳидии миллӣ мусоидат менамояд.

Дар умум, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва илми кишвар ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ солҳои 2020-2025 гузаронида шудааст. Интишороти зиёд аз рӯйи мавзуи диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» гувоҳи фаъолияти баланди илмӣ-таҳқиқотӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мебошад.

Нуқтаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар 24 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ин теъдод 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки муаллиф на танҳо тавонистааст як масъалаи муайянро ҳал намояд, балки як системаи муайяни донишҳоро дар доираи мавзуи худ ташаккул дода тавонистааст. Инчунин, муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи далатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» бо

талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро метавон чунин арзёбӣ намуд:

1. Методологияи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда бо стандартҳои илмӣ ва талаботи Комиссия мутобиқ мебошад ва муаллиф методологияи самаранок ва мувофиқро барои таҳқиқи мавзуъ интихоб кардааст.

2. Дар диссертатсия натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод карда шудааст, ки шомили таҳлили дақиқи маълумот ва хулосабарории асоснокканд, натиҷаҳо бо маълумотҳои қаблӣ муқоиса ва пешниҳоди хулосаҳои ба такмили низоми таълиму тарбия мувофиқ манзур шудаанд.

3. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки самаранокии усулҳои пешниҳодшударо бо истифодаи методҳои арзёбӣ ва озмоишҳо собит намояд ва мувофиқати диссертатсияро ба талаботи Комиссия таъмин созад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дар ҳамаи ҷанбаҳои болозикр муваффақ буда, мутобиқати комил бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисмати назариявии рисолаи илмӣ саҳифаҳои 20-23 таҳлили адабиётҳои илмӣ асосан ба манбаҳои муосири хориҷӣ такя шудааст. Хуб мешуд, ки таълифоти олимони ватанӣ хусусан дар самти математика таҳлилу баррасӣ мешуданд.

2. Дар боби якум ва зербахшҳои диссертатсия унвонҷӯ ҳамгироиро «раванди ягонасозӣ» мешуморад, аммо ба дигар паҳлуҳои ҳамгироӣ – мисли ҳамгироии усулҳо ва шаклҳои ташкили дарс – ишора нашудааст.

3. Мавзуи кори илмии унвонҷӯ ба синфҳои ибтидоӣ марбут мебошад, вале синфҳои ибтидоӣ аз синфи 1 то синфи 4 фарқият доранд, аммо дар кори илмӣ нишон дада нашудааст, ки таҳқиқот бештар ба кадом синф равона шудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ ва техникро дидан мумкин аст, киислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулосаи ҷамъбастӣ

1. Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионии худ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсия Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ», ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2024, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** Сатторов Абдурасул Эшбекович
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра
ва геометрияи Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав

«_3_» _октябри_ соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Хатлон, бинои 9, ҳуҷраи 9,
**Тел:** (+992) 987-67-57-73
**E-mail:** asattorov50@mail.ru

Имзои А.Э.Сатторовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Суроғаи муассиса:
735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (+992-83222) 2-54-81
E-mail: bgu-1978@mail.ru

«_3_» _октябри_ 2025